# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24.09.2025, таҳти №27**

Барои сазовор донистани Мамадқулова Рано Олимовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих.

Диссертатсия дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)-ро 11-уми июни соли 2025, суратмаҷлиси №15, шурои диссертатсионии 6D.KOA-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мамадқулова Рано Олимовна 30 июни соли 1972 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1989 факултети таърих ва ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро аз рӯи ихтисоси таърихшинос хатм кардааст.

Мамадқулова Рано Олимовна аз соли 2015 инҷониб дар Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ба ҳайси мутахассиси шуъбаи магистратура фаъолият менамояд.

Мамадқулова Рано Олимовна ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Мамадқулова Рано Олимовна «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» бо қарори шурои олимони факултети муносибатҳои байналхалӣ аз 16.06.2021, таҳти №10 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (аз 06.03.2025, протоколи №8).

**Роҳбари илмӣ**: **Самиев Холаҳмад Давлатович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Сайидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, профессор, мудири шуъбаи Иттиҳоди давлатҳои мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

**Қудратов Комрон Абдунабиевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (ш. Бохтар).

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумӣ Б.Ф. Баҳодурзода, ташхисгар – номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумӣ М.Ш. Ҷалилов ва котиби ҷаласа Ҷ.Ф. Абдуллоев (суратмаҷлиси №1, аз 26.08.2025) имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор М.Р. Қурбонзода тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Мамадқулова Рано Олимовна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 7 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**[1-М] Мамадқулова, Р.О.** Бардоштҳои суннатӣ ва навгаро дар таҳлили сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / Р.О. Мамадқулова // Ахбори ДДҲБСТ, №4 (77) 2018. – С.126-133

**[2-М] Мамадқулова, Р.О.** Ташаккулёбии ҳамкории илмию мадании Тоҷикистон дар асрҳои XI-XV [Матн] / Р.О. Мамадқулова //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.– Душанбе, 2020. -№2 (85), – С. 265 – 269

**[3-М] Мамадқулова, Р.О.** Аз таърихи робитаҳои иҷтимоӣ, иқтисодии Тоҷикистон ва Узбекистон дар солҳои 20-90-уми асри XX [Матн] / Р.О. Мамадқулова // Номаи Донишгоҳ.– Хуҷанд, 2023. -№ 1( 74) – С. 51-57

**[4-М] Мамадқулова Р.О.** Шароитҳо ва манфиатҳои нави ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Узбекистон [Матн] / Р.О. Мамадқулова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. – Душанбе, 2023. - № 4 (52), – С. 319 – 325

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[5-М] Мамадқулова Р.О.** Кишоварзон. Муносибати бераҳмона бо об // Маводи конфронси илмӣ-амалӣ бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор (2018-2028)”, Бӯстон, 2018

[6-М] **Мамадқулова Р.О.** "Чеҳраҳои мондагор"-и Эмомалӣ Раҳмон – тарғибгари мероси ниёгон // Конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи "Масоили мубрами фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва дақиқ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва фарогирии COVID-19", 25 декабри соли 2020, ш. Панҷакент.

[7-М] **Мамадқулова Р.О.** Пешвои миллат ва ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсоя [Матн] / Р.О. Мамадқулова // "Иҷлосия – Парвозгоҳи Пешвои миллат". – Хуҷанд, 2023. – С.181-188 .

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, и.в. профессор, директори Пажуҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.
2. Номзади илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳамидова М.М. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.
3. Номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Қобилов З.З. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд**: шароит ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлол, ба вижа охири асри XX ва даҳсолаи аввали асри XXI таҳқиқу баррасӣ гардид;

- **ошкор менамояд**, ки баъзе масъалаҳо ва вижагиҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар охири асри XX ва даҳсолаҳои аввали асри XXI мушаххас гардид.

- **пешниҳод шудааст,** ки ҳамкориҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, энергетика, саноати сабук, кишоварзӣ бо дарназардошти захираҳо ва зарфиятҳои мавҷудаи ҳар ду давлат тақвият дода шавад.

- **исбот шудааст,** ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистонро бо ҳам риштаҳои зиёди таърихиву фарҳангӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ мепайвандад ва дар даврони соҳибистиқлолӣ сатҳҳо ва механизмҳои сифатан нави муносибату ҳамкориҳо ин қаробату алоқамандиҳоро бори дигар собит сохт. Бо дарёфти роҳу механизмҳои нави ҳамкориҳо, пешниҳоди имкониятҳое, ки манфиатҳои ҳар ду кишварро таъмин ва ҳифз менамояд ва татбиқи лоиҳаҳои

нави дучониба ва чандчониба дар чаҳорчубаи шарикии стратегӣ мазмуну мундаричаи нав хоҳад пайдо кард.

- **ҷорӣ намудани** фанни махсусе бо номи «Равобити дипломатӣ ва тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон» дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ки мутахассисонро дар самти таърих, сиёсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ омода мекунанд, муҳим мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шудааст, ки** пеш аз ҳама барои омӯзгорони соҳаҳои таърих, сиёсатшиносӣ, мардумшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад, зеро дар он заминаҳо, ҷанбаҳо, равандҳо, шароит ва имкониятҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои ҳамҷавор таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Баробари ин таҳлилҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои мавзуи баррасишуда метавонанд барои муҳаққиқони ҷавон дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои монанд ва наздик ҳамчун дастури назариявии такягоҳӣ хизмат кунанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** омӯзиши раванд, махсусият ва шароити ташаккули ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар даврони истиқлол дар назар дошта шудааст.

- **баён шудани** раванди гузариш аз ҳолати сардӣ ба муътадил шудани ҳамкориҳо, ки пеш аз ҳама бо талошу кӯшишҳои пайгиронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари нави давлати ҳамсоя муҳтарам Шавкат Мирзиёев имконпазир гардиданд, барои ба вуҷуд омадани фазои нави эътимод ва ҳамкориҳои судманд дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ заминаи нав фароҳам оварданд.

- **ошкор гардидани** устуворшавӣ ва тавсеаёбии шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон (аз соли 2018), мустаҳкам кардани ҳамкориҳо ва амалҳои муштарак дар масъалаҳои таъмини амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз авлавиятҳои калидӣ дар сиёсати хориҷии ҳар ду давлат ба ҳисоб меравад.

- **омӯхта шудани** заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон, шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои ду давлат дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI, ҳамкориҳои илмиву фарҳангӣ, раванди муътадилшавии робитаҳои ду кишвари ҳамсоя дар даҳаи дуюми асри XXI ва аҳаммияти таърихии онҳо, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар қаринаи шарикии стратегии ду кишвар, таҳлили афзалиятҳо ва мушаххассозии дурнамои ҳамкориҳои минбаъдаи ҷонибҳо дар назар дошта шуд.

- **аз нав такмил додани** санадҳои меъёрии ҳуқуқии равобити дипломатии ҳар ду ҷонибҳо, бастани созишномаву тафоҳумномаҳо ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳо ва аз ҳама муҳим, дар амалисозии сиёсати хориҷии ду кишвар рисолаи мазкур мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки**: натиҷаҳои он метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи мардумони ҳамҷавор, тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба давраи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Ҳамзамон, дар раванди такмили фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили ВКХ ва дигар сохторҳои дахлдор, инчунин, ходимони сиёсӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дипломатӣ.

- **муайян карда шуданд**, ки таҳқиқоти мазкур ва натиҷаҳои он метавонанд дар раванди татбиқи сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон мавриди истифода қарор гиранд.

- **офарида шуд**: заминаву марҳалаҳои ташаккул, натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷӣ ва мушкилоту дурнамои рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон таҳқиқ ва муайян карда шуданд.

- **муаррифӣ карда шуд:** дар натиҷаи таҳлили манобеи таърихӣ шароит ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлол, махсусан дар охири асри XX ва даҳсолаҳои аввали асри XXI мушаххас гардидааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки маълумоти дақиқ, маълумоти муътамади сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот муҳим мебошанд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

- **ғоя** дар пояи таҳқиқи рӯйдодҳо ва вижагиҳои муҳимми ташаккули равобити бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлол **асоснок шудааст**.

- **истифода шудаанд:** пеш аз ҳама осору нутқҳо, баромадҳо, паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва суханрониҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Узбекистон, осори муҳаққиқони тоҷик З. Сайидзода, Т. Назаров, А. Сатторзода, С. Аслов, Бобозода Ф., А. Шарипов, С. Шарипов, Н. Файзов ва осори муҳаққиқони хориҷӣ, ки дар онҳо паҳлӯҳо ва самтҳои гуногуни ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон инъикос ва таҳлил шудаанд, дар таълифи рисола мусоидат намуданд.

- **муайян шудаанд**, ки имрӯз зарурати омӯзиши амиқи ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо Узбекистон пеш омадааст. Зеро ҳамкориҳои ду давлат натанҳо дар сатҳи дуҷониба, балки дар сатҳи бисёрҷониба, дар чаҳорчубаи ниҳодҳои ҳамгироӣ – ИДМ, СҲШ, СҲИ мазмуну мундариҷа ва миқёси нав пайдо кардаанд, ки дар миёни онҳо пеш аз ҳама масъалаи амният, тавсеаи ҳамгироӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, гуманитарӣ ба мақоми аввал баромадаанд.

- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо, пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, матлабҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмиву амалӣ ва семинарҳои назариявӣ, ҳамзамон, дар таҳияи барнома ва васоити таълимӣ дар мактаби олӣ вобаста аст. Ҳамчунин, таҳияи нақшаву дебоча, таълифи таҳқиқот, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷлиси 24 сентябри соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Мамадқулова Рано Олимовнаро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) 4 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**24.09.2025**